## АЗ НАТИҶАИ ИМТИҲОНҲО ЧӢ ТАВР ХАБАРДОР ШУДАН МУМКИН АСТ?

Барои эълон ва нашри натиҷаи имтиҳонҳо Марказ воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро истифода мекунад.

Оид ба иштироки довталаб дар ИМД, аз ҷумла, оид ба натиҷаи имтиҳонҳо дар кабинети инфиродии ӯ маълумоти муфассал ҷой дода мешавад. Дар бораи моҳият ва истифодаи самараноки кабинети инфиродӣ дар мавзӯи "Зарурати истифодаи сомонаи Марказ ва кабинети инфиродии довталаб дар чист?" (саҳифаи 22) маълумоти бештар дода шудааст.

Инчунин, Марказ барои дастрас кардани маълумот оид ба натиҷаи имтиҳонҳо хизматрасонии хабар ё паёми кӯтоҳ (SMS)-ро ба роҳ мондааст. Бо фиристодани SMS-паёмаки дархостӣ ба рақами кӯтоҳи махсус ба воситаи телефони мобилӣ дар бораи натиҷаи имтиҳонҳо дар шакли SMS–паёмаки ҷавобӣ маълумот фиристода мешавад. Қолабҳои мувофиқи SMS-паёмакҳои дархостӣ дар сомонаи расмии Марказ ҷой дода мешаванд.

### ХОЛҲОИ ГУЗАРИШИ ФАННИРО ЧӢ ГУНА МУАЙЯН МЕКУНАНД?

Барои ҳар фанни имтиҳон вобаста ба миқдор ва навъи саволу масъалаҳои тест холи имконпазири ҳадди аксар (максималӣ) муайян шудааст. Дар ин бора дар мавзӯи "Меъёри холгузорӣ ба саволу масъалаҳои тест чӣ гуна аст?" маълумоти бештар оварда шудааст. Ҳисоби холҳои бадастовардаи довталабон аз ҳар субтест пас аз коркарди пурраи варақаҳои ҷавобҳои довталабон бо истифода аз алгоритм ва барномаи компютерии махсус ба роҳ монда мешавад.

Баъд аз раванди пурраи ҳисоб кардани холҳои бадастовардаи довталабон дар асоси таҳлилҳои оморӣ барои ҳар субтести имтиҳонҳои қисмҳои А (умумӣ) ва Б (ихтисос) вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо холҳои гузариши фаннӣ муайян карда мешавад. Холҳои гузариши фаннӣ аз субтестҳои алоҳида, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва тасдиқ мегарданд, ҳар сол гуногун буда метавонанд.

**Холҳои гузариши фанниро аз ҳар субтест ҳар сол Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.**

**!**

**Ба озмуни тақсимот аз рӯйи ихтисосҳо ба муассисаҳои таълимӣ танҳо довталабоне роҳ дода мешаванд, ки аз ҳамаи субтестҳои дахлдор холҳои гузариши фанниро соҳиб шудаанд.**

**Агар ихтисос(ҳо) имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб намоянд, ба озмуни тақсимот аз рӯйи чунин ихтисосҳо довталабоне роҳ дода мешаванд, ки онҳо холҳои гузариши фанниро аз ҳамаи субтестҳои дахлдор ва ҳам аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ба даст овардаанд.**